Мувофиқа шуд
вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Файзиддин Қаҳҳорзода
аз «13» январи соли 2025

Замимаи 2
фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «13» январи соли 2025, №1-Ф
тасдиқ шудааст

## Индексатсияи меъёри андоз барои шаҳодатнома бо шартҳои махсус

(бо сомонӣ)

| № | Намуди фаъолият | Пардохти моҳона | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Андоз аз даромад | Андози иҷтимоӣ | Ҳамагӣ пардохт |
| 1. | Фурӯши яхмос, квас ва дигар обҳои ташнашикан ва хӯрокворӣ барои як дастгоҳ ё объекти сайёр дар кӯча | 134,5 | 56,0 | 190,5 |
| 2. | Истеҳсол ва фурӯши нос | 261,1 | 131,1 | 392,2 |
| 3. | Фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла мевагӣ ва сабзавоти тару тоза, турушонидашуда, инчунин маҳсулоти ширӣ, гиёҳҳои худрӯи шифобахш ва зира | 81,8 | 40,3 | 122,1 |
| 4. | Фурӯши молҳои омехтаи ниёзи мардум, аз ҷумла маҳсулоти саноатӣ, хӯрокворӣ ва кишоварзӣ дар растаҳои ғайристатсионарӣ: | | | |
| | $4^1$ – дар растаҳои то 3 м | 112,1 | 56,0 | 168,1 |
| | $4^2$ - дар растаҳои аз 3 м то 6 м | 168,0 | 84,1 | 252,1 |
| 5. | Фурӯши молҳои омехта дар нуқтаҳо ва биноҳои алоҳидаи статсионарӣ (ба истиснои техникаи маишӣ ва асбобҳои барқӣ, бидуни тақсимоти дохили биноҳои калон ба якчанд нуқтаҳои савдо): | | | |
| | - то 10 $м^2$ | 280,1 | 112,1 | 392,2 |
| | - зиёда аз 10$м^2$ то 15$м^2$ | 489,7 | 153,5 | 643,2 |
| | - зиёда аз 15$м^2$ то 20$м^2$ | 655,6 | 160,3 | 815,9 |
| | - барои шаҳри Душанбе 100 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |
| | - барои шаҳрҳои Хуҷанд ва Бохтар 80 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |
| | - марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо 60 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | - берун аз марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо 50 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |
| 6. | Фаъолияти суратгирӣ, банаворгирии ҷашну маъракаҳо (бидуни ташкили студияҳо) (берун аз бинои статсионарӣ) | 98,6 | 49,2 | 147,8 |
| 7. | Фаъолияти сарояндагӣ (бе ташкили студияи шахсӣ) | 718,3 | 164,7 | 883,0 |
| 8. | Барандагӣ, навозандагӣ, раққосӣ ва банаворгирии ҷашну маъракаҳо | 128,9 | 66,1 | 195,0 |
| 9. | Истифодаи нақлиёти махсуси автомобилӣ дар базмҳои арӯсӣ ва анҷом додани дигар ороишот барои баргузории ҷашну маърака ва чорабиниҳои фарҳангӣ | 190,4 | 95,3 | 285,7 |
| 10. | Корҳои оҳангарии асбобҳои рӯзғор | 134,5 | 44,9 | 179,4 |
| 11. | Фаъолият оид ба истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ | 56,0 | 33,7 | 89,7 |
| 12. | Корҳои сохтмонию таъмирӣ ва рангуборкунӣ дар объектҳои шахсони воқеӣ ва дигар хизматрасониҳо вобаста ба корҳои таъмирӣ | 128,9 | 66,1 | 195,0 |
| 13. | Таъмири воситаҳои нақлиёт, шустушӯйи воситаҳои нақлиёт ва қолинҳо | 261,1 | 131,1 | 392,2 |
| 14. | Фаъолият оид ба осиёбҳои хурди обӣ (дар деҳотҷойҳо) | 156,9 | 67,2 | 224,1 |
| 15. | Фаъолияти репетиторӣ ва таълимии инфиродӣ | 128,9 | 66,1 | 195,0 |

Эзоҳ:

1. Андозҳо барои шаҳодатнома бо шартҳои махсус барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд (ба истисноии шаҳрвандоне, ки мақоми гурезагӣ доранд) ва соҳибкороне, ки дар минтақаҳои яклухтфурӯшии бозорҳо фаъолият менамоянд, ба андозаи дукарата аз рӯйи ҳамон намуди фаъолияти интихобнамуда пардохт карда мешавад.

2. Соҳибкори инфиродие, ки ҷойи муайяни савдо надошта, фаъолияти худро тавассути мағозаҳои электронӣ ба роҳ мондааст ва ё намуди фаъолияти амалишавандаи он дар ҷадвал дарҷ нагардидааст, фаъолияти чунин соҳибкор тибқи шаҳодатнома дар низомҳои махсус амалӣ карда мешаванд.

3. Маблағи пардохт барои фаъолияти дар сатри ёздаҳуми ҷадвали мазкур дарҷгардида дар як соли тақвимӣ барои ҳафт моҳ пардохт карда мешавад.

4. Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда уҳдадор аст, вобаста ба дигар даромадҳои худ, ки ба фаъолиятҳои дар ҷадвал дарҷгардида тааллуқ надорад, ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирӣ эъломияи андоз аз даромади шахсони воқеӣ пешниҳод намояд.